**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи номзадии Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна дар мавзуи «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашӯр Сафар», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна ба таҳлилу таҳқиқи ғазалиёти шоири маъруфи доираи адабии Кӯлоб Ашӯр Сафар бахшида шудааст. Аҳамияти кори диссертатсионии мазкур, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки хусусиятҳои сохторӣ, мавзуӣ, поэтикӣ, сабкӣ ва бадеии ғазалиёти Ашӯр Сафар дар адабиётшиносии муосири тоҷик бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ гардидаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона буда, ғазалиёти Ашӯр Сафар дар он аввалин бор аз нигоҳи сохтор, мавзуъ ва мундариҷа, поэтика ва сабку бадеият мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, вижагиҳои гуногуни онҳо баррасӣ шудаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарии алоқаманд ба ҳунари шоирии Ашӯр Сафар, муайян кардани раванди шеъри муосир, махсусан дар нимаи дуюми асри гузашта, ҷиҳати мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ, китобҳои дарсиву таълимӣ, васоити гуногуни таълимӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва дигар навъҳои корҳои илмӣ-таълимӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти раванди такомули падидаҳои адабӣ, аз ҷумла жанри суннатии ғазал ва назарияпардозиҳо дар атрофи онҳо маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошанд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ дар 7 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи аспирант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Шаробова Маҳбуба дар мавзуи «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашӯр Сафар» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шаробова Маҳбуба дар мавзуи «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашӯр Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Сироҷиддини Эмомалӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** – номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Р. Тағоймуродов

Имзои Р.Тағоймуродовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Дӯстии
халқҳо. Хонаи 56\22.
Тел: (+992) 904 10 55 22

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Г. Рустамова

Имзои Г.Рустамоваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ Ҷӯраев Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 48\5
Почта: rustamova-71@mail.ru
Тел: (+992) 907 91 36 77
доктори илми филология дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарӣ Н. Одинаев
Имзои Н. Одинаевро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63\3.
E-mail:odinaevn@mail.ru
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.
«22» 06 соли 2023.